# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионии 6D.KOA-47 назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба диссертатсияи номзадии Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна дар мавзӯи «Ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти олии касбии педагоги (дар асоси маводи омӯзиши забони англисӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагоги аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагоги) (такрорӣ)**

Комиссияи эксперти дар ҳайати доктори илмҳои педагоги, и.в. профессор Раҷабов Тағоймурод Furobоқулович, номзади илмҳои педагоги, дотсент Байдуллоев Аъзамҷон Ибодуллоевич ва номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Рамазонова Раҷабгул Сулаймоновна рисолаи диссертатсионии Мавлонова Интизор Тоҷиддиновнаро дар мавзӯи «Ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ – нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти олии касбии педагогӣ (дар асоси маводи омӯзиши забони англисӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми педагоги аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст баррасӣ намуда, ба чунин хулоса омадем.

Мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он бармеояд, ки ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ – нутқии донишҷӯёни макотиби олӣ дар раванди таҳсилоти олии касбӣ, хусусан, дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба яке аз равандҳои мубрами таълим мубаддал меёбад. Дар шароити дигаргуниҳои ба амаломадаи иҷтимоиву иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати муайян намудани мазмуни равандҳои инкишофи қобилиятҳои зеҳнӣ, махсусан таҳлили равандҳои инкишофи алоқаҳо, ки аз шароити ҳозираи иҷтимоию иқтисодӣ ба миён омада, онро афзалияти муҳим медиҳанд.

Дар навбати худ гузаштан ба рушди равияҳои нави соҳаи маориф зарурати муайян намудани мазмуну мундариҷаи таълим, махсусан таҳлили инкишофи забономӯзӣ дар марҳилаҳои гуногун ба яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа табдил ёфтааст.Маҳорату қобилияти коммуникативӣ – нутқӣ дар баҳодиҳии вазъияти педагоги ба ғояи ташаккули кадрҳои педагогии нави дорои тафаккури эҷодии навоварони, дорои тахассуси баланди касбӣ ба ҷаҳонбинии васеи фарҳангӣ, ахлоқи ҳамида ва муносибати бомасъулият дар ҷаҳоншиносӣ диққати махсус

дода мешавад, ки омӯзиш он ҳамчун раванди актуалӣ барои чандин солҳои дигар мемонад.

Инчунин омӯзгори оянда дар қобилияту маҳоратҳои коммуникативӣ - нутқӣ ба шогирдон намунаи арзишманд гардид, ки он барои пешрафти таълиму тарбия мусоидат менамояд. Қобилияту маҳорати коммуникативӣ-нутқӣ барои рафъи камбудиҳои муошаратӣ мусоидат намуда,дар коркарди методикаи таълим, эҷод ва такмили маводи таълимӣ, равишҳои худомӯзӣ бо назардошти ҳадафҳои инфиродӣ шароит фароҳам меоварад.

Ҳамин тариқ, раванди омодасозии омӯзгорониояндаи забони англисӣ дар раванди таълим дар асоси ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ – нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилот яке аз омилҳои муҳим аст, ки таҳлили назариявӣ ва таҷрибавии он мавзӯи омӯзиши саривақтӣ мебошад.

**Мақсади таҳқиқот:** аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок кардан ва дар таҷриба санҷидани роҳу усулҳои ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот:** омӯзиши шароити педагогӣ ва технологияи таълим, аз он ҷумла забони англисӣ барои ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.

**Мавзӯи таҳқиқот:** ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти олии касбии педагогӣ.

**Фарзияи таҳқиқот:** ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён бештар самаранок ва пурмаҳсул хоҳад шуд, агар:

-омӯзгорон технологияҳои муосири пешқадами таълимиро истифода намоянд;

-ҳангоми омӯзиши забони хориҷӣ (англисӣ) аз технологияҳои муосири компютерӣ истифода шавад;

-меъёр ва дараҷаҳои ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони англисӣ муайян карда шаванд;

-шароити педагогии натиҷагирӣ аз ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ ошкор, тасниф ва дар таҷриба санҷида шаванд;

-ҳангоми таълимӣ забони англисӣ робитаҳои байнифаннии забони англисӣ бо забони тоҷикӣ ба инобат гирифта шавад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Дар бобати амалӣ кардани асосҳои назариявӣ дар татбиқи ғояи мавзӯи

диссертатсионӣ, коркарду амалӣ намудани андешаи консептуалие, ки имкони дар асоси равишҳои фаъолона ва босалоҳият татбиқи масъалаи ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгориро дучанд зиёд мекунад, саҳми шахсии таҳқиқот басо муҳим аст.

Илова бар ин тафсир ва санҷиши натиҷаҳои бадастовардашуда омӯхта шуданд ва дар асоси таҳлилу баррасии мустақилонаи далелҳо аз тадқиқоти назариявию амалӣ, роҳу усулҳои самарабахши ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён коркард шудаанд.

Муҳаққиқ инчунин дар тартиб додани стандартҳои давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ оид ба забонҳои хориҷӣ барои мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар коркарди барномаҳои таълимӣ-методӣ оид ба силсилаи фанҳои лингвистӣ-дидактикӣ ва психологӣ-педагогӣ, ташкилу баргузории корҳои таҷрибавию озмоишӣ, мустақилона ба иҷро расонидани рисолаи илмӣ ва интишори мақолаҳои илмӣ фаъолона ширкат варзидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар муқаддима муаллиф ба мубрамияту аҳамияти мавзӯи рисола диққат дода, онро дар асоси шароиту воқеияти амалии замони муосир асоснок мекунад. Оид ба мавзӯъ, объект ва предмети таҳқиқот муаллиф андешаҳову назари худро баён намуда мантиқан онҳоро мувофиқ ба талаботи рисолаҳои илмӣ ҷо ба ҷо мегузорад. Фарзия ва мақсаду ҳадафро муайян намуда мувофиқи онҳо вазифаҳои тадқиқотро тавсиф мекунад, ки он дар асоснок кардани истифодаи маводи назариявию методологии мавҷуд ва дастрас буда истифода мебарад.

Ошкор намудани тавсифномаи марҳилаҳои асосии таҳқиқот пешниҳод гардидаанд ва навгонии илмӣ, принсипу методҳои истифодашуда ва инчунин аҳамияти назариявию амалии тадқиқот асоснок шуда, бо истифода аз сохтори рисола нуқоти ба ҳимоя пешниҳодшуда дуруст ҷудо карда шудааст.

**Боби аввал «Асосҳои назариявӣ ва методологии инкишофи қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён» номгузорӣ шудааст,** ки аз се фасл иборат буда дар онҳо омӯхтан ва коркарди консепсияҳои фалсафӣ-педагогӣ дар мадди аввал ва консепсияҳои психологӣ-педагогӣ дар давоми он ҳаллу фасл гардидаанд. Оид ба омӯхтану рушди малакаҳои инсони муосир, хусусан ҷавонон, аз назари муаллиф яке аз вазифаҳои муҳими илмҳо мебошад, чунки дар ҳамин асно рушди ғояҳои педагогӣ дар

ҷомеа таҳлил мешаванд ва вобаста ба таъсири шароитҳои иҷтимоӣ-таърихӣ ба вуҷуд омадаанд, ки ин раванд имрӯз низ идома меёбад ва аз ҷониби муаллифи рисола дуруст истифода шудааст.

Муҳаққиқ дуруст таъкид менамояд, ки "қобилияти коммуникативӣ – нутқӣ" дар намудҳои гуногуни фаъолиятҳои якҷояи амалию зеҳнии одамон, муоширату муносибати онҳо дар раванди фаъолиятҳо инъикос меёбад.

Яке аз омилҳои муҳими ташаккулёбии шахсият ва салоҳияти касбии донишҷӯён дар ҷабҳаи ғоявӣ, иҷтимоӣ, илмӣ ва амалӣ ин фазои таҳсилотии муассисаи олии касбӣ мебошад. Тарбия, таълим ва ташаккулдиҳии шахсияти донишҷӯ ҳамчун мутахассис муносибати комплексиро нисбати ҳаёти ояндаи ӯ талаб менамояд.

Инкишофи тафаккури донишҷӯ маънои роҳбарии мақсаднок ба раванди азхудкунии донишҳо, ёддиҳии роҳҳои иҷрои амалҳои фикрӣ ва усулҳои маърифати илмиро дорад, ки он тавъам ба нутқ ин барқарор намудани муошират байниҳамдигарии алоқаманд ба одамон мебошад.

Инчунин ба ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён омӯзиши маҷмӯи маводҳои омӯзишии лингводидактикӣ ва фанҳои психологӣ-педагогӣ, иҷрои корҳои курсӣ, таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ, иштирок дар корҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ таъсир мерасонанд.

Мувофиқи мақсаду матлаби таҳқиқот дар боби мазкур тавсифи таъминоти барномавӣ-методии ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар заминаи забони модарӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ-педагогии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.

Ҳангоми ташкили раванди таълим, ки ба самти ташаккулдиҳии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён равона карда шуда буданд, мо ба принсипҳои умумидидактикӣ, таҷрибаи пешқадами омӯзгорон, ки дар таълими маҷмӯи фанҳои забонӣ истифода мебаранд, такя намудем.

Ҳамаи омилҳо, шароиту меъёрҳои интихобшуда барои таъминоти педагогии кори озмоишӣ-таҷрибавӣ бо ҳам зич алоқаманд буда, ба андешаи мо онҳо, барои амалӣ гардидани фарзияҳои таҳқиқотӣ оид ба ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯёни факултетҳои забонҳои хориҷӣ, аз он ҷумла ба омӯзгорони ояндаи забони англисӣ имконият медиҳанд. Дар рафти омӯзиш ва таҳлили маводҳои барномавӣ-методӣ оид ба таълими забони англисӣ дар асоси забони модарӣ Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мо муайян намудем, ки ташаккулёбии

қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён ба сатҳи донишҳои илмии онҳо оид ба забони модарӣ алоқаманд ҳастанд, чунки донишҳои азхудшаванда оид ба забони хориҷӣ бо донишҳои пештара мувофиқ гардонида мешаванд ва дар охир маҷмӯи донишҳо оид ба ҳодисаҳои забониро ба вуҷуд меоранд. Барои ҳамин ҳам дар аз худ намудани забони англисӣ донистани забони модарӣ низ хеле муҳим аст.

**Боби дуюми диссертатсия "Ташаккули қобилияти коммуникативию нутқӣ дар омӯзиши забони англисӣ"** номгӯзорӣ гардида дар он рафт ва натиҷаҳои кори озмоишӣ-таҷрибавӣ, бойгардонии мазмун ва шаклҳои корҳои таълимӣ-маърифатии иштирокчиёни раванди педагогӣ, такмилдиҳии технологияи педагогӣ бо мақсади ташаккулдиҳии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар давраи омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои олии касбии омӯзгорӣ инъикос мегардад.

Аз натиҷагирӣ аз корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ хулоса бароварда шуда, тавсияҳои педагогӣ пешкаш карда шудаанд, ки онҳо ба баланд бардоштани самаранокии шакл, роҳу усулҳои ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён мусоидат менамоянд.

Ба фикри мо дар рафти корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ робитаи байниҳамдигарии мазмуни таълими забони англисӣ дар заминаи забони тоҷикӣ, такмилдиҳии мазмун ва методҳои таълим дар дарсҳои забони англисӣ дар асоси баҳисобгирии дастовардҳои методикаи таълим ва фанҳои бо ҳам наздик, инчунин таҳлилу ҷамъбасти таҷрибаи омӯзгорони забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ оид ба банақшагирӣ, ташкил ва баргузории дарсҳо амалӣ гардиданд.

Муҳаққиқ диққати махсус ба таҷрибаи амалии омӯзгорони забони англисӣ дода дар як вақт дар раванди кори таҷрибавӣ – озмоишӣ арзишмандии низоми технологияи муосирро дар натиҷабахшии мақсаду вазифаҳои таҳқиқотӣ баррасӣ намудааст, ки онҳо дар кори диссертатсионӣ дар ҷадвалҳо инъикос ёфтаанд. Дар кори таҳқиқотии мазкур раванди афзалиятнокии рушди шахсият ва тайёрии касбии омӯзгорони забони англисиро дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои рушди фардӣ – шахсиятӣ, иҷтимоӣ – фарҳангӣ, миллӣ – этникӣ омӯхта, таҳлил ва самтгирӣ карда шудааст.

Натиҷаҳои асосӣ ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, асос медиҳанд тасдиқ намоем, ки вазифаҳои таҳқиқоти мазкур иҷро гардида фарзияи таҳқиқот асоси худро ёфтааст ва натиҷаҳои татбиқи рисолаи илмӣ гувоҳи онанд, ки таҳқиқоти Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна дорои аҳамияти воқеии илмӣ, назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Хулоса

Диссертатсияи Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна кори таҳқиқотии пурра анҷомёфта ҳисобида шуд, натиҷаҳои ба дастомада ба ихтисоси диссертатсия ҷавобгӯ мебошанд. Мазмун ва муҳтавои автореферат ва мақолаҳои илмии дар нашрияи тавсиякардаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми ҶТ, Паёми ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ (4 номгӯи мақола), маҷмуаҳои мақолаҳои дар дигар маҷаллаву нашрияҳо ба чоп расида (6 номгӯи мақолаҳо) ба мавзӯи таҳқиқоти илмӣ, иҷрои мақсаду вазифаҳои гузошташудаи муаллиф мувофиқат менамоянд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисос. Диссертатсияи Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна дар мавзӯи "Ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ – нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти олии касбии педагогӣ (дар асоси маводи омӯзиши забони англисӣ)" ба шифри ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) мутобиқат мекунад.

Вобаста ба мубрамият, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот комиссияи ташхисӣ диссертатсияи мазкурро ба ҳимоя пешниҳод намудан мумкин аст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи бандҳои 10, 11, 12, 14 ва 16 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, тахти рақами № 505 "Тартиб додани унвонҳои илмӣ ва дараҷаҳои илмӣ (дотсент, профессор)" ва талаботи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгуӣ буда, муаллифи он Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) сазовор дониста мешавад.

Роҷеъ ба диссертатсияи Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна таъин карда шаванд:

- ба ҳайси муассисаи пешбар: Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;
- ба ҳайси муқарризони расмӣ:
- Раҳимзода Хуррам – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, корманди илмии Пажуҳишгоҳи Рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ;
- Қаршиева Гулчаҳон Гулмуродовна – номзади илмҳои педагогӣ, и.в.дотсент, мудири кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

- Ҳангоми таҳияи ҳуҷҷатҳо номи мавзӯи кори диссертатсионии мазкур чунин пайгирӣ карда шавад: «Ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ – нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти олии касбии педагогӣ (дар асоси маводи омӯзиши забони англисӣ) ».

Раиси комиссияи экспертӣ,
доктори илмҳои педагогӣ,
и.в.профессор Раҷабов Т.Б.

Узви комиссияи экспертӣ,
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент Байдуллоев А.И.

Узфи комиссияи экспертӣ,
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент Рамазонова Р.С.

Имзоҳои и.в.профессор Т.Б. Раҷабов,
дотсент А.И. Байдуллоев ва
дотсент Р.С. Рамазоноваро
тасдиқ мекунам
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода А.